**ТАҚРИЗИ**

мушовири илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул ба диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI-аввали асри XII)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Ҳайдаров Фахриддин Наботович аз ҷумлаи адабиётшиносони пешрави тоҷик аст, ки дар инкишофи адабпажӯҳии тоҷик саҳми муносиб дорад. Ӯ рисолаи номзадиашро соли 2002 дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Бадри Чочӣ» дар Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дифоъ намудааст. Аз соли 2009 ба ҳайси дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Ҳайдаров Фахриддин соли 2019 дар Шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст.

Огоҳӣ аз таърихи адабиёти тоҷик ва таҷрибаҳои илмии андӯхтаи Ҳайдаров Фахриддин дар тӯли фаъолияти меҳнатиаш, ки аз пеш таваҷҷуҳи зиёд доштани ӯро ба масъалаҳои таърихи адабиёти асрҳои XI-XII нишон медод, ба фароҳам овардани маводи таҳқиқ ва таълифи рисолаи докторӣ кумак намуд. Чунонки аз мутолиаи рисолаи доктории ӯ бармеояд, муҳити адабии Салҷуқиён, махсусан, дар нимаи дуюми асри XI ва оғоз асри XII ҳамчун яке аз давраҳои бисёр дурахшони рушди назму наср шароити мусоид фароҳам овардааст, то қаламрави забон ва адабиёти форсӣ густариш ёфта, ҳам дар ҳудуди минтақаҳои бумӣ ва ҳам ғайрибумии забони порсӣ шоирону нависандагони бузург тарбият ёбанд.

Аз ин рӯ, рӯй овардан ба адабиёти замони Салҷуқиён, аз ҷумла, адабиёти дарборӣ, ки ҳамаи намояндагони давлати Салҷуқиён нисбат ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамуданд, аз масъалаҳоест, ки дар шинохти адабиёти классикӣ аз муҳимтарин унсурҳо ба шумор меравад. Зеро, яке аз вижагиҳои асосии адабиёти форсии асрҳои XI-XII вусъати тоза пайдо кардани ҳудуди ҷуғрофиёии интишори он мебошад. Шуруъ аз оғози асри XI бо тасарруфи Ҳинд аз ҷониби Ғазнавиён нимҷазираи Ҳинду Покистон ба қаламрави забону адабиёти форсӣ ворид шуд. Диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин ба таҳқиқи рӯзгор ва осори Амир Муиззӣ дар робита ба муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) ихтисос ёфта, арзиши илмӣ ва муҳимтарин навгонияш он аст, ки ӯ рӯзгор ва ашъори Амир Муиззиро дар робита ба муҳити адабии замони Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) аз рӯйи манобеи муътамади адабию таърихӣ ва дар асоси осори илмии муҳаққиқони муосир муайян намудааст.

Ҳайдаров Фахриддин дар бахши мубрамии мавзуи таҳқиқ, ҳамзамон, ҳадафи худро аз таълифи рисола ба таври возеҳ нишон додааст. Дар ин кор

вобаста ба сарчашмаҳои илмию адабӣ такомули шеъри форсиро дар нимаи дуввуми қарни XI ва аввалҳои қарни XII ҳам аз назари шакл ва ҳам аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа нишон дода, ба таври возеҳ ишора намудааст, ки аз нимаи дуюми асри XI, ки тақрибан оғози давраи Салҷуқиён аст, батадриҷ тағйир ва таҳаввули зиёде вориди шеър гардид. Гӯяндагони ин аср аз содагӣ ва сароҳате, ки аз вижагиҳои умдаи асри Сомонӣ ва Ғазнавист, дур шуда, шеваи навро пеш гирифтанд. Аз ин ҷиҳат, дар воқеъ, аҳди Салҷуқӣ ва замони Муиззиро метавон давраи оғози тағйири сабки адабӣ арзёбӣ кард.

Дар диссертатсия омӯзиши авзои сиёсӣ ва иҷтимоии замони зиндагии Амир Муиззӣ бо таваҷҷуҳ ба таъсири онҳо ба вазъи илму адаб, вижагиҳои фарҳангӣ ва муҳити адабии аҳди Салҷуқиён, аҳволу осор, нусхаҳои давовини ашъор ва махсусиятҳои ҷудогонаи шоирии Амир Муиззии Нишопурӣ мавриди таҳлили адабӣ қарор гирифтаст. Амир Муиззии Нишопурӣ дар баробари соҳибдевон будану сабки хос доштан ва эътирофи мақоми хоссааш аз ҷониби бузургони илму адаб, давомдиҳандаи беназири қасидаи классикӣ бо услуби хос мебошад. Илова бар ин, мазмун ва мундариҷаи осори Амир Муиззӣ фарогир, махсусан, қасоиди ӯ пурмуҳтаво, баландмаънӣ ва аз ҷиҳати забон фасеҳу равон ва аз назари сабки баён дорои равише мунҳасир ба фард ҳастанд. Ҳамаи масъалаҳои зикршуда пайдарҳам, муназзам ва мантиқан ба ҳам алоқаманд ба миён гузошта шудаанд.

Дар баробари ин, барои таъйини хусусиятҳои бадеии ашъори Муиззӣ ва дараҷаи ҳунари шоирии ӯ дар корбурди санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳ ба масъалаи шеваҳои намоиши қудрат ва истеъдоди шоири мадеҳасаро амре муҳимму зарурист. Дар девони Муиззӣ орояҳои гуногуни адабӣ, аз қабили ташбеҳ, талмеҳ, истиора, тавсиф, муболиға, ирсоли масал, саволу ҷавоб, шумор, тақсим, лаффу нашр, таҷоҳули ориф, луғз ва гунаҳои лафзӣ, аз ҷумлаи илтизом, иштиқоқ, таҷнис, акс, зуқофиятайн, ҳоҷиб, лабрас, такрор, тарсеъ, муламмаъ ва истихроҷ истифода шуда бошанд ҳам, дар ин миён муболиға (иғроқ, ғулув), ташбеҳ ва истиора басомади зиёд дошта, шоир бо истифодаи ҳунарӣ аз онҳо навоварӣ ва шеваи эҷоди ҳунарии худро ба маърази тамошо гузоштааст. Нақши ин санъатҳои бадеӣ дар баррасии вижагиҳои сабкии ашъори шоир дорои аҳаммият ҳастанд.

Диссертатсияи Ф.Н. Ҳайдаров пажӯҳиши илмии мустақилона буда, мазмуну мундариҷаи рисола, адабиёти истифодашуда, хулосаҳои таҳлилӣ, методҳои истифодашуда ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ пурра мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва таклифҳо, интишороти илмии муаллиф, ки дар шакли мақолаҳо ва монографияи илмӣ омода гардида, дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо нашр шудаанд, ҳамчунин, бо маърузаҳо дар семинарҳо ва конференсияҳои гуногун тасдиқ карда мешавад. Оид ба муҳтавои диссертатсия 21 мақоли илмӣ, аз он ҷумла, 15 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 6 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудааст.

Дар умум, ҳаҷми корҳои дар доираи диссертатсияи докторӣ анҷомдодаи Ҳайдаров Фахриддин Наботович, дараҷаи омодагии ӯ ба сифати адабиётшиноси касбӣ, коркардҳои назарӣ, таҳқиқ ва таъйини масъалаҳои марбут ба Амир Муиззӣ ва муҳити адабии замони Салҷуқиён, иштирок ва суханрониҳо дар нишастҳои илмии сатҳҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, таълифи мақолаҳои зиёд ва дараҷаи омодагии касбии муҳаққиқ ҳамчун адабиётшинос ба мо имкон медиҳад таъйид кунем, ки ӯ барои сазовор гардидан ба дараҷаи баланди илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ арзанда аст.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессори**
**кафедраи таърихи адабиёти тоҷики**
**факултети филологияи ДМТ** **Мисбоҳиддини Нарзиқул**

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев – 150, ҳ. 14.
Телефон: (+992) 93-600-12-29
E-mail: hasti70@mail.ru

**Имзои Мисбоҳиддини Нарзиқулро**
**тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«07» январи соли 2025.